**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 89/2с
аз «30» 06 соли 2023

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2019, №58 ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикршуда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Бонки миллии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

2. Дар банди 4 лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Тартиби таъсиси воҳидҳои сохторӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва филиалҳои онҳо, уҳдадориҳо барои бонкҳо, бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии

ғайрибонкӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ ва филиалҳои онҳо ҳангоми таъсис додани хизматрасонии хазинавӣ масоҳати онҳо на кам аз 5 метри мураббаъ будан, инчунин риоя намудани талаботи техникӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми иҷро намудани хизматрасонии хазинавӣ вуҷуд доранд.

3. Дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои ташкилотҳои болозикр пешбинӣ нагардидааст.

4. Дар лоиҳа барои барои бонкҳо, бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ ва филиалҳои онҳо, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

5. Лоиҳаи мазкур барои ташкили нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти онҳо, мусоидат менамояд.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

1) матни забони тоҷикии лоиҳа ба матни русии он мутобиқ карда шавад.

Муовини якуми
Директор

Соҳибзода М.М.